**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). –Хуҷанд, 2023. – 173 с.**

Матншиносӣ яке аз бахшҳои муҳимми адабиётшиносӣ буда, дар масъалаҳои муайян кардани матни асл аз фаръ, муқаррар кардани нусхаи муаллиф ё котиб, нусхаи наздик ба ҳаёти нависанда ё асрҳои баъдӣ, баррасии хусусиёти мавзуӣ ва сохторӣ, тасҳеху муқобала ва муқоясаи матн бо дастхатҳои мавҷуда, табйини сабку баён ва ҷойгоҳи он дар ҷараёни таҳаввулу ташаккули давраҳои адабиёти форсии тоҷикӣ саҳм мегирад.

Рисолаи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз аз ҷумлаи ҳамин гуна таълифотест, ки ба масъалаҳои «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» бахшида шуда, барои баррасӣ ва дифоъ пешниҳод шудааст.

Абунаср Аҳмад ибни Абулҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ибни Лайси Баҷалии Номақӣ, маъруф ба Ҷомӣ ва мутахаллис ба Жандапил ё Зиндапил, Пири Ҷом ва Шайхи Ҷом яке аз орифони суханвар ва поягузорони насри сӯфияи адабиёти форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII мебошад. Бояд гуфт, ки диссертант дар бахши «дараҷаи омӯзиши мавзӯъ» муҳимтарин пажуҳишҳои илмиро вобаста ба рӯзгору осори Аҳмади Ҷом зикр карда, ки гувоҳи огоҳии комили ӯ аз мавзуъ аст. Маҳз ба ин, хотир Мирзоҳофизиён М. бахши омӯхтанашудаи эҷодиёти Аҳмади Ҷомро интихоб кардааст, ки дар навбати худ тозагии кори ӯро тасдиқ менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 173 саҳифа аст.

Дар муқаддима муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ,

вазифҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобикати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нашри таълифоти илмӣ вобаста ба кор, сохтор ва ҳаҷми рисола тавзеҳ додааст, чунин ба назар мерасад, ки муаллиф дар бораи мавзуи кори хеш омодагии кофӣ ва огоҳии комил дорад.

Боби аввали диссертатсия «Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ» унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» ном гирифта, муаллиф дар асоси манобеи куҳан ва дасти аввал чун «Нуру-л-ҳақоиқ»-и Заҳируддини Исо, «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом», «Макомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ, «Хулосату-л-макомот»-и Абдулмакорими Ҷомӣ, «Ҳадиқату-л-ҳақиқа»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар, «Равзату-р-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ ва ғ., инчунин пажӯҳишҳои нави илмии Б.Фрейзер, В. Иванов, Ф.Майер, З.Сафо, С.Нафисӣ, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод, М.Ш. Кадканӣ ва. ғ. тавонистааст саҳифаҳои норавшани рӯзгори ин орифи суханварро бисёр муътамад ва илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, мақоми Аҳмади Ҷомро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муқаррар созад (Диссертатсия. –с. 13 ва с. 26).

Фасли дуюми боб «Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом» унвони гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл чараёни шаклгирӣ, таҳав»вул ва ташаккули насри ирфониро дар асрҳои XI-XII пайгирона мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин маврид метавон ба ин гуфтаи машҳури Забеҳуллоҳи Сафо истинод кард: «Кутубе, ки сӯфия дар шарҳи мабодӣ ва усули тасаввуфу ирфон ва баёни аҳволу мақомоти соликони тариқат ба форсӣ таълиф кардаанд, аз ҷумлаи муҳимтарин осори насрии мост, ки ҳеч гоҳ аз ҷозибаву ҳол ва равнаку ҷилои хоси худ барканор нест... Насри сӯфиёна, илова ба содагиву тозагӣ мақрун ба ҳолу шавқест, ки бад-он зебоиву гирандагии хос мебахшад». Осори насрии сӯфия, чунонки муаллиф ба ин бовар аст, дар асрҳои XI-XII таълиф гардидаанд, аз арзишҳои баланди адабӣ бархурдор буда, аз ҷумлаи муҳимтарин

сарчашмаҳои ирфонии адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд (дис. 29).

Нуктаи бисёр муҳим ва умда он аст, ки маҳз осори сӯфиёна шеъру насри форсии тоҷикиро аз дарборҳои шоҳон берун кашид ва онро дар миёни халқ пароканда кард ва боястӣ гуфт, ки хадамоти аслии ҷараёни тасаввуфи эронӣ низ дар он мебошад, ки гаравиши адабиётро ба самти миллӣ раҳнамоӣ кардааст. Маҳз ҳамин амр замина гардид, ки дар давраи оғозини тасаввуф (садаҳои XI-XII) дар афкор ва бинишу донишҳо танаввуъ ва гуногунсамтиҳо падид омада, дар радифи осори сӯфиён дар улуми гуногун, бавижа ситорашиносӣ, кайҳоншиносӣ, ҳандаса, тиб, фалсафа, каломи тафсир, таърих ва адабиёт осори зиёде таълиф шуд, ки номгӯи зиёди он дар кор зикр гардидааст.

Диссертант фасли дувуми рисолаи хешро ба се зерфасл: 1) осори ирфони амалӣ ва назарӣ, 2) маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия ва 3) тафсирҳои куҳани форсии тоҷикиро тақсимбандӣ намуда, тавонистааст бо далелҳои муътамад собит созад, ки насри ирфонӣ, аз ҷумла таълифоти Аҳмади Ҷом дар садаҳои XI-XII аз сарчашмаҳои тирози аввал адабиёти форсии тоҷикӣ шуморида шуда, ба таҳаввули умумии насри форсии тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштааст (дис. 47). Хусусан, мулоҳизаҳои назарӣ, масъалагузориҳо ва натиҷагириҳои муаллиф дар қисмати аъзами саҳафоти китоб эҳсос мегардад, ки қобили қабул ва таҳсин аст.

Дар боби дувуми диссертатсия «Нусхашиносӣ ва пажуҳишҳои сохтории осори насрии Аҳмади Ҷом» муаллиф бо ковишҳои мустанади илмӣ нусхаҳои мавҷудаи осори насрии Аҳмади Ҷомро муқобала ва муқоиса карда, ҳар кадоми онҳоро ба таври ҷудогона арзёбӣ намудааст, ки чунин баррасӣ дар илми матншиносӣ аз аҳамияти вижа бархурдор аст. Ин боб аз ду фасл иборат буда, фасли аввали он ба «Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» тахсис ёфтааст. Муҳаққиқ дар натиҷаи бознишосӣ ва муқоиясаву муқобаи наздик ба чиҳил нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом саъй ба он дошта, ки дар бахши нусхашиносии осори

ин орифи соҳибном кори шоистаи таҳсинро анҷом диҳад. Масалан, ӯ дар бораи 7 нусхаи муътабари рисолаи «Анису-т-тоибин», ки дар китобхонаҳои Калкутта, Машҳад, Теҳрон, Тошканд, Ҳирот маҳфузанд ва ба кадом навъи хат – настаълиқ, насх навишта шудани он, котибулҳуруфи онҳо, ҳаҷми ҳар як дастхатро дар алоҳидагӣ, яъне аз чанд сатр иборат будани як саҳифа, комил будан ё нукс (уфтодагии ҳуруф ва ислоҳи иштибоҳоти калимот) доштани онҳо маълумоти комил ва дақиқ медиҳад. Ва муҳимтар аз ҳама, онҳоро аз лиҳози санаи истинсох низ баррасӣ кардааст, ки арзишу эътибори кори ӯро баланд мебардорад.

Диссертант дар ин фасл нусхаҳои хаттии «Равзату-л-музнибин» (7 нусха), «Сироҷу-с-соирон» (як нусхаи мунҳасир ба фард), «Мифтоҳу-н-наҷот» (12 нусха), «Биҳору-л-ҳақиқат» (2 нусха), «Кунузу-л-ҳикмат» (3 нусха), «Рисолаи Самарқандия» (2 нусха), «Номаҳо» (2 нусха), «Зикр», «Сирру-л-мактум», «Мақолоти Шайхи Ҷом» (ҳама як нусха) арзёбӣ карда, вобаста ба тасҳеҳу нашри илмӣ-интиқодӣ ва оммавии ҳар кадоми онҳо мулоҳизаҳои амиқи илмӣ изҳор доштааст. Вале сарфи назар аз ин, бино ба маълумоти муаллиф, ҳанӯз дастхатҳои омӯхтанашудаи осори ӯ мавҷуданд, ки боястӣ танқеҳу тасҳеҳи матни онҳо сурат бигирад.

Мирзоҳофизиён Меҳрафкан дар фасли дувуми боби дувум, ки «Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом» номида шудааст, дар бораи ҷаҳонбинӣ, сарчашмаҳои фикрӣ, усулҳои баррасии масъалаҳои ирфони назарӣ ва амалӣ, вазъи илмиву адабӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва омилҳои шаклгирии ҷараёни тасаввуф мулоҳизаҳои ҷолиб баён менамояд.

Боби севуми рисола «Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли нахуст, ки зери унвони «Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом» омада, диссертант масъалаҳои сабку сиёқи насри сӯфиёна, таркиботи пухтаву устувори оҳангин, истеъмоли вожаҳои сараву дастнозада ва асили хуросонӣ, ба кор набурдани луғоти ғариб ва маҳорати эъҷобовари насри Аҳмади Ҷомро пажӯҳиш намудааст. Муаллиф насри сӯфиёнаи Аҳмади Ҷомро, ки намунаи барҷастаи сабки

хуросонӣ медонад, воқеан дуруст аст. Гузашта аз ин, муаллиф доир ба корбурди санъатҳои бадеъӣ (саҷъ, ҷинос, ташбеҳ, ирсоли масал ва киноя), истифодаи оёту аҳодис ва шарҳу тавзеҳи онҳо, зикри ҳикоёти кӯтоҳи тамсилӣ ва шеваи баёни хитобӣ ё воизона мулоҳизаҳои ҷолиб дорад.

Шеър дар назди сӯфия муътабар буда, онҳо маҷолиси унси хешро бо каломи манзум оро медоданд ва изҳори ваҷду самоъ мекарданд. Аз ин ҷост, ки шеъри ирфонӣ ифодакунандаи асрори ишқу бехудист. Аҳмади Ҷоми Жандапил, низ дар асарҳои хеш аз ашъори шуарои пешин, мисли Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ, Бӯзари Бузҷонӣ ва хусусан намунаҳои шеъри худ истифода кардааст. Ин масъалаҳоро диссертант дар фасли дувум «Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом» матраҳ дошта.

Яке аз масъалаҳои меҳварие, ки дар диссертатсия омада, шарҳи истилоҳоти сӯфия мебошад. Истилоҳоти мазкур мифтоҳи осори мансури ин орифи суханвар буда, дар маърифати розу рамзи насри сӯфиёна ёрӣ мерасонад. Муаллиф мусталаҳоте чун абдол, адаб, дарвеш, дил, зулф, зуҳд, ихлос, манозил ва дараҷот, маърифат, ориф, самоъ, солик, тавҳид, таваккул, хавфу раҷо ва ҳолро шарҳу басти илмӣ дода, ки барои дарку завқи хонанда бисёр муҳим мебошад.

Барои намуна, истилоҳи «дил» назди мутасаввифа маънои «махзани асрори Ҳақ, назаргоҳи Худо, асоси коргоҳи одамӣ» дорад, онро Аҳмади Ҷом чунин тавзеҳ дода: «Агар асли дил нур надорад, агар сад ҳазор ҳилат бикунӣ ва ҳама муҷоҳидатҳои олам бикунӣ, як зарра суд надорад, чун асл набошад, фаръ аз куҷо бошад?!» (дис. 110), ки чунин баррасиҳо мутуни ирфонӣ, аз як сӯ, барои шинохти ҷаҳонбинии ин орифи суханвар мадад расонад, аз сӯи дигар, ба кор арзиши илмӣ медиҳад.

Ва ниҳоят муҳаққиқ дар зерфасли чаҳоруми фасли севум масъалаҳои «Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба ин натиҷа мерасад, ки мутуни ирфонии Аҳмади Ҷом бо вуҷуди муҳассиноти зиёд, инчунин ба такмилу тасҳеҳ ниёз дорад: нусхаҷӯии густарда, нусхашиносии равишманд, пойбандӣ ба

қавоиди шеваи тасҳеҳ, ғалатхонӣ ва адами таваҷҷуҳ дар тасҳеҳи матн, тасарруф аз рӯи таассуб. Нуктаи муҳим дар ин зерфасл он аст, ки муаллиф матнҳои чопиро бо мухтатоти гуногун муқобала карда, гунаҳои саҳеҳи матнро оварда, ки аз ҳадафҳои асосии матншиносӣ мебошад.

Матни чопӣ: «Ҳар киро хуш наёяд, дар ин нангарад, аз ин китоб ва нафъи ин бебаҳра монад».

Нусха: «Ҳар киро хуш наёяд, дар ин нангарад, аз ин китоб ва аз нафъи ин бебаҳра монад» (дисс. 130).

Диссертант дар ҳар як бобу фасл ҳамаи гуфтаҳояшро бо мисолу далелҳои мустанад тақвият бахшида, бо хулосаҳои мустақили ҷудогона ҷамъбаст кардааст. Албатта, мавзуе, ки диссертант барои таҳқиқ ва ҳимоя интихоб кардааст, барои адабиётшиносии тоҷик нав мебошад, вале, муҳимтар аз ҳама, муаллиф аз уҳдаи ҳалли мавзуъ баромадааст, навовариҳои илмии назаррас дорад, дорои хулосаҳои амиқу муътамади илмӣ мебошад.

Дар канори ин дастовардҳо гоҳе дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

1. <u>Омадани ду пешоянд дар як вақт.</u> Муаллиф менависад: «Бо ба чоп расидани осори Аҳмади Ҷом равшан гардид... » (с. 19). Дар ин ҷумла пешояндҳои «бо» ва «ба» паси ҳам омада, дар ҷумла ноҷӯриро ба вуҷуд овардааст.

2. <u>Ҷамъбандиҳои дубора.</u> Мисол: «Ин сарчашмаҳо роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом маълумотҳои нодирро шомил буданд» (с. 13), ки дар ин ҷо вожаи «маълумот», ки ҷамъбандии занонаи арабиро дорад, ба он илова намудани суффикси ҷамъсози «ҳо» зарурат надорад.

3. <u>Калимаҳои наве, ки бори маънӣ намекашанд.</u> Дар мавриди вожаи «навгонӣ» адиб ва донишманди тоҷик Абдулқодири Рустам дар саҳифаи фейсбуки худаш мақолаи мустаниде навишта исбот кард, ки он маънии «навоварӣ»-ро ифода намекунад. Инҷо ба зикри дубораи он ниёз нест.

Вақтҳои охир дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва мактуботи расмӣ вожаи «болозикр» мавриди корбурд қарор дорад, ки тибқи қоидаи калимоти дахил ё иқтибосӣ ғалати фоҳиш ба ҳисоб меравад. Асли он калимаи «фавқуззикр» буда, ба меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ мутобиқат дорад ва имрӯз низ дар корбаст қарор дорад. Муаллифи рисолаи ҳозир дар саҳифаи 15-ум ин калимаро истифода кардааст, ки иштибоҳ мебошад.

4. Ба калимаҳои тоҷикӣ пайвастани пасвандҳои сифатсози арабӣ. Мисол: «Маҳз тавассути мероси сӯфияи ин аҳд адабиёти ин давра нисбат ба ҳамаи дигар давраҳо бартарият ёфтааст». Дар ин мисол вожаи «бартарӣ» тоҷикӣ мебошад ва зарурате ба ҷамъбандии арабӣ надорад. Агар ба ҷои он калимаи «афзалият» истифода мешуд, беҳтар буд.

5. Истифодаи таркиби «маҳсуб мегардад» ва «маҳсуб меёбад» низ иштибоҳ буда, гунаи саҳеҳи он «маҳсуб мешавад» мебошад. Маҳсуб дар ин ҷо ба маънии «ҳисобида» меояд. Дар рисолаи ҳозир низ таркиби «маҳсуб мегарданд» (с. 40) ба кор гирифта шудааст, ки ғалат аст.

Албатта, эродҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳаргиз арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофизро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва 8 адад мақолаҳои илмии нашрнамудаи диссертант, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияии олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ба муҳтавои асосии рисола ҷавобгӯст. Мавзӯи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат менамояд.

Метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва мақолаҳои навиштаву ба табъ расонидаи муаллиф мавзуъ ва мундариҷаи рисоларо комилан инъикос

менамояд. Рисола кори пухта ва ба анҷомрасида аст. Аз ин рӯ, метавон ба хулосае омад, ки рисолаи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз сазовори унвони илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Сарходими илмии шуъбаи таърихи**
**адабиёти Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакӣ, доктори илми филология** **Юсуфов У. А.**
**«10» майи соли 2023.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 274, ҳ. 47.**
**Тел: (+992) 91-904-55-75**
**E-mail: nushin74@mail.ru**

**Имзои Юсуфов У. А. -ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳон Институти забон ва**
**Адабиёти ба номи Рӯдакӣ** **Нарзиқулова Ҳ.**
**«10» майи соли 2023.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,**
**тел: (+992) 221-70-30**
**E-mail: www.iza.tj**